*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 30 (4613) | ДУШАНБЕ, 27 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МАЪРАКАИ НИҲОЛШИНОНӢ ВА БУНЁДИ БОҒИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**24-уми феврали соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бо шинонидани ниҳолҳои нодири сояафкани ороишӣ ва ҳамешасабз ба маъракаи ниҳолшинонӣ, оғози корҳои мавсими баҳорӣ, вусъати тадбирҳои ободонию кабудизоркунӣ ва сабзу хуррамгардонии муҳити атроф ҳусни оғоз бахшиданд.**

Бояд гуфт, ки шурӯъ аз рӯзҳои аввали фасли баҳор бо дастури Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири беҳдошти ҳифзи табиат ва ободонии ҳар як гӯшаву канори ҷумҳурӣ маъракаи умумии ниҳолшинонӣ ташкил карда мешавад. Ин навбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар боғи нав дарахтони ороишии ҳамешасабзи магнолия ва секвоя шинониданд.

Масоҳати боғи нав 10 гектар ва дарахтоне, ки аз Аврупо барои бунёди боғ ворид гардидааст, беш аз 11 ҳазор ададро ташкил медиҳанд. Дар боғи дарахтони нодиру ҳамешасабз 15 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Ниҳоли дарахтони дар боғи нав шинонидашуда асосан аз кишварҳои Аврупо ворид карда шуда, ба минтақа мутобиқ мебошанд.

Барои мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ пеш бурдани корҳо аз Аврупо техникаи нави коркарди боғ ворид карда шудааст. Мутахассисони ботаҷриба бо истифода аз он барои кандану интиқоли ниҳолҳо аз як ҷой ба ҷойи дигар корҳоро босифат анҷом медиҳанд.

Дар боғи нав Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазъи нашъунамои дарахтони сояафкану ороишӣ, ки беш аз 30 навъро ташкил медиҳанд, шинос шуданд. Зимни суҳбат бо боғдорон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дуруст ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳо маслиҳатҳои муфид доданд.

Бояд гуфт, ки бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат ҳамаи ниҳолҳои дар ин ҷо парваришёфта барои ободонию зебоии кӯчаву хиёбон ва боғу гулгаштҳои шаҳри Душанбе истифода мегарданд.

Зимни бунёди боғи нав Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва роҳбарони боғҳои фарҳангию фароғатии пойтахт ҷиҳати вусъати корҳои ободонӣ, созандагӣ ва беҳдошти ҳифзи муҳити зист супоришҳо доданд.

Дастур дода шуд, ки роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои ташкили гулгашту хиёбонҳои нав, зебову назаррабо кардани боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва гулгашту хиёбонҳои пойтахт аз имкониятҳои боғи навбунёд, аз ҷумла дарахтони сершумори ороишӣ, самаранок истифода баранд.

Дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз мағозаи фурӯши гулҳои ороишии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пайванд» боздид ба амал оварданд. Он соли 2015 бо ҳидояти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди корҳои ободонию кабудизоркунӣ аз ҷониби коргарону мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пайванд» бунёд шуд.

Ҳадаф аз ифтитоҳи мағоза фароҳам овардани шароит ба нафарони дорои завқи баланди зебоипарастӣ мебошад. Мутахассисон дар баробари фурӯши ниҳолҳо ва буттаҳои ороишӣ, инчунин, имкон доранд ба шаҳрвандон барои парвариши ниҳолҳои ороишӣ маслиҳатҳои муфид диҳанд.

Имсол коргарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пайванд» бо бунёди иншооти иловагӣ масоҳат ва имкониятҳои онро васеъ карданд.

Дар мағоза 10 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мебошанд. Дар ин ҷо намунаи зиёди ниҳолҳои сояафкану мевадиҳанда, дарахтони хонагӣ, гулу буттаҳои ороишӣ, асбобу зарфҳои гуногун барои парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ба фурӯш гузошта шудааст.

Баъди шинонидани дарахт, шиносоӣ бо парвариши дарахтон ва боздид аз мағозаи фурӯши гулу буттаҳои ороишӣ дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пайванд» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои суҳбат бо боғдорон дар бораи тадбирҳои созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, татбиқи барномаи давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, бунёди боғҳои наву таҷдиди боғҳои куҳна, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, афзоиши содироти мева ба хориҷи кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави кор андешаронӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои омодагӣ ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз, доир ба тезонидани корҳои ободонӣ бунёдкорӣ, истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ - 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилу баргузории маъракаҳои ниҳолшинонӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф ба масъулин дастурҳо доданд.

---

**www.president.tj**

# ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**27 – уми феврали соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку», «Дар хусуси Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 июни соли 2010», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ирсол шуда, масъала «Дар бораи сафари Н.Н. Содиқӣ ва Ф.С. Обидзода ба шаҳри Санкт-Петербург» низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

---

**«Садои мардум»**

# ҚАРОРИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2023, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 феврали соли 2023, № 28**

# ҚАРОРИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 15 марти соли 2023, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 феврали соли 2023, № 29**

# ИТТИЛОИЯ

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Дар бораи хариди давлатӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ КИШВАР

**Файзалӣ ИДИЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**



**Пайдост, ки сарҳади давлатӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ҳар давлати дунё тавассути артиши он ҳифз карда мешавад. Замони дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор доштани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо назардошти ҳаммарз будан бо Давлати Исломии Афғонистон, ки дар он кишвар низои мусаллаҳона хислати интернатсионалӣ пайдо карда буд, ҳамчунин, ҳамсарҳад будан бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, артиши тавонои шӯравӣ дар ҷумҳурӣ амал карда, марз ва амнияти Ватанамонро ҳифз менамуд. Пас аз пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ, тибқи меъёрҳои Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуққабулкунии давлат дар муносибат бо моликияти давлатӣ, бойгонии давлатӣ ва қарзҳои давлатӣ аз 8-уми апрели соли 1983 артиши дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбудаи собиқ шӯравӣ бояд ба ихтиёри кишвари мо мегузашт. Мутаассифона, аз вазъи номураккаби ҷамъиятиву сиёсӣ истифода бурда, Қувваҳои Мусаллаҳи дар ҳудуди ҷумҳурӣ қарордоштаи ИҶШС ба давлати дигар гузаштанд.**

Солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ барои ташкили сохторҳои низомии мамлакат якчанд санад қабул гардид. Чунончи, Фармони Президенти Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ», Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи ташкил намудани Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4-уми январи соли 1992, Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Горди халқӣ» аз 10-уми июни соли 1992 ва Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17-уми сентябри соли 1992.

Ҳарчанд фармонҳои зикргардида барои ташкили мақомоти низомии мамлакат равона гардида бошанд ҳам, бинобар сабабҳои маълум онҳо барои ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ мусоидат карда натавонистанд.

Зимнан Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зербинои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти халқи мамлакат ба ҳисоб меравад. Набудани артиши миллӣ, вазъи мураккаби ҷамъиятиву сиёсӣ, халалдор гардидани фаъолияти мақомоти давлатӣ, дахолати мусаллаҳона ба фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ аз дохил ва хориҷи мамлакат тақозо менамуд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат таъсис дода шавад. Бо ҳамин мақсад 5-уми декабри соли 1992 Бригадаи таъиноти махсуси ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, вале барои таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ фаъолияти он нокифоя буд. Бо мақсади дифоъ аз соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии мамлакат, бо ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18-уми декабри соли 1992 Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид, ки қарори мазкур заминаи ҳуқуқии ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби қӯшунҳои сарҳадии Хадамоти федералии амнияти Федератсияи Россия ҳифз карда мешуданд. Ҷиҳати таҳти назорати худ қарор додани сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 таҳти № 981 дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби 1200 нафар аъзои Фронти халқӣ Бригадаи таъиноти махсуси марзбонон таъсис ёфт. Бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 1992 Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъсис ва Бригадаи таъиноти махсус ба сохтори раёсати мазкур ворид карда шуд.

Артиши миллӣ бе мавҷудияти базаи моддиву техникӣ, кадрҳои афсарӣ таъсис дода шуд. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда 23-юми феврали соли 1993 дар майдони «Дӯстӣ»-и шаҳри Душанбе гузашти низомии воҳидҳои навтаъсиси Артиши миллӣ баргузор гардида, минбаъд он рӯз ҳамчун рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мешавад.

Дар солҳои аввали ташкили артиш сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, собиқ ҷанговарони Фронти халқӣ ва шаҳрвандони мамлакат, ки дорои маълумоти ҳарбӣ ва ё дар эҳтиёт қарор доштанд, пурра гардида, асосан дар он солҳо Артиши миллӣ бар зидди неруҳои мусаллаҳи мухолифин амалиёти ҳарбӣ мебурданд.

Барои танзими муносибатҳо ва ташкили мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1997 Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дертар ниҳоди мазкур ба Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ КИШВАР

(Идома аз саҳ. 1)

Ба ҳама маълум аст, ки дилхоҳ муносибати ҷамъиятӣ тавассути қонун ба танзим дароварда мешавад. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти ташкил ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби парлумони мамлакат як қатор қонунҳо қабул шуданд. Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми декабри соли 1993 таҳти № 916, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1-уми декабри соли 1994 таҳти №1106, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №208, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13-уми декабри соли 1996 таҳти № 316, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми августи соли 1997 таҳти №481, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2-юми декабри соли 2002 таҳти №78, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми марти соли 2005 таҳти №481, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29-уми январи соли 2021 таҳти №1753, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1-уми марти соли 2005 таҳти № 90, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15-уми ноябри соли 2006 таҳти №205, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» аз 16-уми апрели соли 2012 таҳти №799, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҷангӣ» аз 20-уми июни соли 2019 таҳти №1608.

Дар баробари қонунҳо, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми октябри соли 2005 таҳти № 103 «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ бо мақсади назорати иҷрои аниқ ва риояи якхелаи қонунҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуратураҳои ҳарбии гарнизони Бохтар, Кӯлоб, Суғд, Хоруғ ва минтақаи Рашт ташкил карда шуд, ки фаъолияти онҳо аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми июли соли 2005 таҳти №107, ҳамчунин «Низомнома дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим дароварда мешавад. Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи адолати судӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ дар сохтори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон коллегияи ҳарбӣ ва дар гарнизонҳо бошад, Суди ҳарбии гарнизонҳои Душанбе, Хоруғ, Суғд, Хатлон таъсис дода шуданд. Тибқи боби 5 моддаи 58 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми июли соли 2014 судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қисмҳои ҳарбӣ адолати судиро амалӣ менамоянд.

Бо вуҷуди аз сифр оғоз намудани фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат он тавонист тартибу низомро дар мамлакат барқарор созад ва зимни таҳдиди мусаллаҳонаи хориҷӣ бо мақсади барҳам задани тамомияти арзии мамлакат тавонист бо риояи меъёрҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид худро аз ҳамлагарон ҳифз намояд.

Ҳамин тариқ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 30 сол аз уҳдаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии мамлакат ва ҳифзи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ баромада, ба як артиши таҷрибадор табдил ёфт. Ҳоло бо шарофати меҳнати шабонарӯзии афсарону сарбозони шуҷоъ ҳаёти осоишта дар мамлакат таъмин мебошад.

Ба мо муроҷиат мекунанд

# ЧАРО МОДАР НОРОЗИСТ?

**Ба унвони идораи рӯзномаи «Садои мардум» номаи модари 74 -сола бо замимаи беш аз сад саҳифа мактубу дархостҳо ба мақомоти гуногун, ҳалномаҳои суд ва дигар ҳуҷҷатҳо ворид гардид.**

«Ман зани солхӯрдаи тоҷик ҳафт набераи ятимро ба воя расонда истодаам. Нисбати мушкилоти ба сарам омада ба бисёр мақомот муроҷиат кардам, вале ба ҷойи дарёфти ҳалли масъалаҳои мавҷуда, баръакс ташвишу саргардониҳоям зиёд шуд», - чунин аст хулосаи сокини шаҳри Исфара, Ҷамоати деҳоти «Нефтобод», кӯчаи Ҷ. Румӣ Ашӯрбибӣ Собитова. Маълум гардид, ки ин зани солхӯрда дар хусуси ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара муроҷиат намудааст. Оилаи онҳо дар рӯйхати камбизоатони шаҳраки Нефтобод қарор гирифта, дар як манзил 13 нафар зиндагӣ мекунанд. Бо қарори раиси шаҳри Исфара аз 19-уми ноябри соли 2019 таҳти №708 барои онҳо қитъаи замин ҷудо шудааст. Вале бинобар дар селроҳа қарор доштани ин қитъа он ҷо барои зиндагӣ хавфнок аст. Бинобар ин, Ашӯрбибӣ Собитова барои иваз кардани қитъаи замин борҳо ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара муроҷиат кардааст. Ин нуктаҳо дар ҳалномаи Суди шаҳри Исфара аз 30-юми августи соли 2022 низ шарҳу тавзеҳ ёфта, суд қарор кардааст:

«Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара уҳдадор карда шавад, ки бар ивази қитъаи замини ҷудокардашуда ба андозаи 0,08 гектар аз ҳисоби заминҳои фонди манзили Ҷамоати шаҳраки Нефтобод дар асоси қарори раиси шаҳри Исфара аз 19-уми ноябри соли 2019 таҳти №708 ба Шавкатзода Меҳрубон (набераи А. Собитова. Б. К.) ҳамчун эҳтиёҷманд аз ҳудуди ҷамоат қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз мавзеи бехавф ҷудо намояд».

Аммо маълум мегардад, ки бо вуҷуди эътибори қонунӣ пайдо кардан, он аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара иҷро нашудааст. Дар ин миён, ба қавли А. Собитова, ӯ ба чандин мақомот муроҷиат карда, арзи матлаб намуда, дар ҷараёни ин кор бо ноадолатиҳои зиёд дучор омадааст. Дар ин бора соли 2021 вай ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» муроҷиат кардааст. Вобаста ба муроҷиати ин шаҳрванд дар шумораи № 21 аз 1- уми феврали соли 2021 мақолаи Ҷовиди Аштӣ таҳти унвони «Ашӯрбибӣ Собитова: Хостам дарди диламро ба «Ҷумҳурият» гӯям» ба нашр расидааст. Аммо то ба ҳол мушкили модари 74 -сола Ашӯрбибӣ Собитова ҳалнашуда боқӣ мондааст. Дар нома ва ҳуҷҷатҳои ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» пешниҳоднамудаи ин шаҳрванд далелҳои зиёд мавҷуданд, ки таҳлилу баррасии мақомоти марбутаро талаб мекунанд.

Дар номааш ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» ин зани солхӯрда, пеш аз ҳама, аз масъулони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара шикоят кардааст.

Ин қазияро Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара чӣ тавр шарҳ медода бошад?

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ДАР САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР КОМЁБ МЕГАРДЕМ, АГАР...



**Асоси рушди ҳар як кишварро саноат ташкил медиҳад. Бе рушди ин бахш такомули рушди ҳеҷ як кишвар имкон надорад ва аз ин хотир саноатикунонии босуръати кишвар авлавият аст.**

Боиси фараҳмандист, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6-уми январи соли 2022, солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон шуд, ки идомаи мантиқии иқдомҳои дурандешонаи Пешвои миллат ба ҳисоб меравад, зеро бе саноатикунонӣ расидан ба ҳадафҳои дигар - аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани кишвар имконнопазир аст. Дар саноатикунонии кишвар соҳаи маориф нақши калидӣ дорад. Маҳз наврасону ҷавонон бояд ба саноатикунонии кишвар шавқу рағбат зоҳир намоянд ва дар ин кор устодони ғамхор онҳоро раҳнамоӣ кунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон доимо аз сатҳу сифати таълим, ҷалби наврасону ҷавонон ба омӯзишу рушди фанҳои дақиқ ҳарф мезананд. Аз ҷумла, дар мулоқот бо аҳли зиёи кишвар 18-уми марти соли 2020 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Мо дар доираи рушди илмҳои муосир саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон намудем. Дар ин раванд мақсад дорем, ки истифодаи технологияҳои муосирро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ густариш дода, тафаккури техникии аҳолӣ, дар навбати аввал ҷавононро, тақвият бахшем, барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникиву технологӣ фазои мусоид фароҳам оварем. Маҳз бо ҳамин мақсад мо солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон кардем ва бовар дорем, ки ин иқдом ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад».

Вобаста ба пешниҳоди Пешвои миллат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 ҷиҳати татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040 қабул гардид. Тибқи он, дар марҳилаи аввал таҳия ва татбиқи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» ба нақша гирифта шудааст.

Аз қабули ин санади муҳим беш аз се сол сипарӣ гардид. Аз назари мо, дар марҳилаи ҳозираи инкишофи илму техника барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Асоси илмҳои дақиқро математика, физика, химия, биология ва ғайра ташкил карда, маҳз ҳамин илмҳо ба мо доир ба чор унсури муҳими табиат - обу хоку боду оташ, ки асоси пойдории оламу одамро ташкил медиҳанд, маълумот медиҳанд. Зарур аст, ки ҷавонон ба илмҳои дақиқ бештар рӯ оранд. Аз бар кардани илмҳои дақиқ барои ташаккули шахсияти наврасон ва роиҷ гардидани хислатҳои ҳамида мусоидат менамояд.

Тафаккури математикӣ, ки ҷузъи фарҳанг аст, на танҳо барои рушди илмҳои дақиқ чун риёзиёт, физика, химия, балки барои рушди илмҳои дигар, ба мисли иқтисодиёт, тиб, ҷуғрофия, сотсиология, баланд гаштани маърифати экологӣ ва ғайра таҳрик мебахшад.

Ҳоло зарурати муносибати нав ба омӯзиши илмҳои дақиқ пеш омадааст. Илмҳои дақиқ дар робитаи мустаҳкам ба воқеият, яъне саноатикунонии кишвар, ки аз ҷавонон донистани илмҳои дақиқ, кор карда тавонистан бо техника ва технологияи навинро талаб мекунанд, бояд таълим дода шаванд.

Насли ҷавон бояд арзишҳои истиқлолият ва озодиро дуруст дарк намоянд, моҳияти сулҳу суботро ҳамчун шарти асосии зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистони азиз таблиғ созанд. Илова бар ин, барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва таҳкими давлатдории миллӣ талош карда, дар раванди бунёди ҷомеаи демокративу дунявӣ саҳми арзанда гузоранд.

**Б. АҲМАДЗОДА,**
**Ф. НАҶМИДДИНИЁН,**
**вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БОХТАР:
## БУНЁДИ 270 ИНШООТ БО ХАРҶИ 900 МИЛЛИОН СОМОНӢ



**Дар маркази маъмурии вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи 900 миллион сомонӣ 270 иншооти таъиноти гуногун сохта мешавад.**

Бино ба маълумоти мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Валиҷон Ятимзода, соли 2022-юм 21 адади он мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Айни замон дар беш аз 100 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ босуръат идома доранд.

Аз иншооти бунёдшаванда 18-тои он корхонаҳои саноатӣ мебошанд, ки дар соли сипаригардида шаш адади он, аз қабили ҶДММ «Баракати диёр», ҶДММ «Ҳилоли Аҳмар», ҶДММ «Деҳаи ман», ҶДММ «Ёсинҷон Бохтар», ҶДММ «Умеди Бохтар» ва коргоҳи истеҳсоли қубурҳои асбестӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Дар маҷмӯъ, то ин ҷашни фархунда дар соҳаи роҳу нақлиёт 61 иншоот, савдою хизматрасонӣ - 60, саноат - 18, маориф - 15, тандурустӣ - 9, фарҳанг, варзиш ва кишоварзӣ - 4 ва обтаъминкунӣ 3 иншоот сохта мешаванд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# БАРОИ ОЯНДАСОЗӢ ГУЗАШТАРО БОЯД ОМӮХТ

**Таърих ва омӯзиши дурусти он масъалае мебошад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир доранд. Омӯзиши таърих хусусан дар замони истиқлолият раванди тоза касб кард. Дар ин муддат садҳо китобҳои пурарзиш таҳия ва нашр гардиданд, ки ҳар кадом аз гузашта саҳифаи наверо боз намуда, таърихи пурғановати моро бозгӯӣ мекунанд.**

Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем».

Воқеан, чунин аст. Таърихро барои он меомӯзем то кӣ будану аз куҷо омаданамонро донем, бузургонамонро, ки дар рушди фарҳанги башарият нақши мондагор гузоштаанд, шиносем ва осори онҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифзу арҷгузорӣ намоем. Донистани таърих, сабақ бардоштан аз он ба хотири имрӯз ва оянда аст. Дар замони муосир ҳақ надорем нисбат ба таърих бетафовут бошем, вазифадорем, ки беш аз пеш мероси ниёгонро ҳифз намоем.

Солҳои охир ҷиҳати омӯхтани таърих ва мероси маънавии халқи тоҷик тадбирҳои зарурӣ андешидаву ибтикори зиёд амалӣ гардиданд. Ҳоло ноҳияе нест, ки дар он осорхона набошад. Ин имконияти хубест барои боло бурдани савияи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Омӯзгорони фанни таърих метавонанд ҳадди ақал дар ду моҳ як маротиба хонандагонро ба сайри осорхона бурда, шавқи омӯзиши таърих ва ифтихор аз гузаштаро дар наврасон бедор намоянд.

Иқдоми дигаре, ки барои омӯзиши таърих имконияти хуб фароҳам овардааст, бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чоп ва ба ҳар хонадон дастрас кардани шоҳасари таърихӣ – «Тоҷикон» мебошад. Ин иқдоми ватандӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи боло бурдани худогоҳиву худшиносии наврасону ҷавонон нақши босазо мегузорад.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки барои омӯхтани таърих мусоидат менамояд, озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» мебошад. Он бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёкон, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва шинохти беҳтари нақши миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният баргузор мешавад. Тибқи низомнома, он миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, омӯзгорони ҳама зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар, ба истисноии омӯзгорони фанни таърихи ҳама зинаҳои таҳсилот ва олимону муҳаққиқони соҳаи таърих, доир мегардад.

Ин иқдоми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо - устодони фанни таърихро шод кард. Шоҳид шудем озмунҳои пешин, аз ҷумла «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», дар ҷомеа инқилоби фарҳангӣ ба бор оварда, тӯли чор сол садҳо чеҳраҳои нави китобхону забондонро кашф кард. Мутмаинем, ки озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» муҷиби кашфи садҳо ҷавони худшиносу худогоҳ мегардад.

**Парвина АБДУРАЗОҚОВА,**
**омӯзгори фанни таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ**

# БА ҲАР КОРЕ, КИ ҲИММАТ БАСТА ГАРДАД...



**Мегӯянд дӯстдории Ватан ва машғул шудан ба ҳар кору пайкоре ба ободиву сарсабзии диёри муқаддасамон – Тоҷикистон алоқаманд аст.**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ҳамеша ба ҷавонон таъкид мекунанд, ки ба ҳар коре, ки машғул мешаванду ҳар вазифаву масъулиятеро, ки бар дӯши онҳо мегузоранд, бояд холисона, аз рӯи адлу инсоф, бо дасту дили пок ва бо садоқат ба арзишҳои волои инсониву ватандорӣ иҷро намоянд.

Хушбахтона, ин таъкиди Сарвари давлат барои ҷавонони бедору соҳиби маърифати ватандорӣ дастури кор аст. Аз ҷумла, Ғаюр Раҳмонзода яке аз он ҷавонони серталош аст, ки андеша дорад, бояд бо нияти нек ба ҳама кор рӯ биёрем, зеро ин ҳам омили рушду камоли шахсӣ ва ҳам пешрафти соҳа ва бахши муайяни зиндагии сокинон, дар маҷмӯъ кишварамон, хоҳад буд.

Ӯ аз хурдӣ нияту орзуи табиб шуданро дошт. Бо ин мақсад соли 2000-ум ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, онро соли 2006 бо ихтисоси табиби дорусоз ба поён расонд.

Таъкиди дигари Пешвои миллат, ки мегӯянд ҷавонон бояд ҳадди ақал забонҳои русӣ ва англисиро хуб аз бар намоянд, барои Ғаюр сармашқ аст. Ӯ, ки ин забонҳоро балад аст, дар фаъолияташ ба кор мебарад.

Номбурда сиву нуҳ сол дошта, ҳоло директори Коллеҷи тиббиву инноватсионии шаҳри Бохтар мебошад. Ӯ, ки қаблан дар вазифаҳои гуногуни соҳавӣ фаъолият кардааст, мегӯяд, ки ҳадафу мароми ҳар як ҷавон бояд як чиз бошад: хизмат ба халқу Ватан, сабукӣ овардан ба сокинон, кори аз дастмеомадаро барои беҳбудии зиндагии одамон ва ободии ҷомеа анҷом додан.

Умед ҳаст, ки Ғаюр Раҳмонзода дар амалӣ кардани нақшаву ниятҳои созандааш комёб мегардад.

Бале, чунон ки мегӯяд:
**Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,**
**Агар хоре бувад, гулдаста гардад.**

**Нуруллоҳи ОРИФ, шоир**

# ЗИНДАГИИ ПУРСАОДАТ ДАР ОШЁНИ БАЛАНД

**Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минтақаҳои кӯҳистони мамлакатамон рушд ёфта, сатҳи зиндагии мардум ба маротиб беҳтар мегардад. Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ истисно набуда, яке аз мавзеъҳои зебо ва нодири баландкӯҳи Тоҷикистони офтобрӯя ба ҳисоб меравад. Баъд аз муҳоҷирати мастчоҳиён ба Дилварзин (соли 1956) Кӯҳистони Мастчоҳ ба як гӯшаи фаромӯшӣ ва беаҳамият мубаддал гардида буд. Хушбахтона, ин макон, ки осорхонаи зиндаи таърихи як гӯшаи диёрамон ҳисобида мешавад, бо туфайли истиқлолияти давлатӣ, бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардид. Дуюми феврали соли 1996 тибқи Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таъсис дода шуд.**
**Соли 2002 Пешвои миллат ба ин ноҳияи дурдасту кӯҳистон бори нахуст ташриф оварда, ба эҳёву рушд ва таҳкими он замина гузоштанд.**

Алҳол дар ноҳия беш аз 25 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ доранд. Ноҳия дорои 3514 гектар замини корами обӣ ва 537 гектар боғ мебошад. Картошкаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар бозорҳои мамлакат серхаридор буда, бо сифати баланд номдор аст.

Дар соли таҷлили 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон деҳқонони ноҳия беш аз 80 ҳазор тонна картошка ҷамъоварӣ карданд. Соли равон картошкапарварони ноҳия ният доранд, ки беш аз 100 ҳазор тонна картошкаи хушсифат ҷамъоварӣ намоянд.




Дар ноҳия соҳаи чорводорӣ низ рушд меёбад. Тибқи маълумоти оморӣ, дар сектори хусусӣ беш аз 126 ҳазор чорвои майда ва 16 ҳазор сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст. Чанд соли охир бо пешниҳоди Сарвари давлат дар ноҳия парвариши қутос роҳандозӣ гардида, саршумори он ба 1000 сар расид.

Дар ибтидои ташкилёбии ноҳия мушкилот хеле зиёд буд. Ҳатто кормандони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бинои маъмурӣ надоштанд, маркази ноҳия муайян набуд. Бо дастгирии Пешвои миллат дар даште, ки на об дошту на обод буд, шаҳраке бо номи Меҳрон бунёд гардид.

Президенти мамлакат борҳо, аз ҷумла солҳои 2010, 2012 ва 2016 ба ин марзи куҳанбунёд сафари корӣ намуда, дар рушду таҳкими соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии он саҳми амиқ гузоштаанд. Мулоқоти Пешвои миллат бо сокинони деҳоти «Валиғунд» ва «Роғ» меҳру самимияти сокинони ин минтақаро нисбат ба Пешвои миллат фузунтар намуд.

Ба хотири пешрафт «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021-2025» дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 30-юми декабри соли 2020 тасдиқ гардид, ки аз 138 лоиҳа иборат буда, маблағи он 174,7 миллион сомонӣ аст.

Чанде пеш бо иштироки раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар ноҳия бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 дар деҳоти «Иван-тоҷик» барои 240 нафар хонанда дар як баст, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 дар деҳаи Валиғунди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Тибқи иттилои масъулини Раёсати тандурустии вилояти Суғд, соли гузашта марказҳои саломатии деҳаҳои Роғ, Пастиғав ва Сабақи ноҳия таъмиру тармим ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз шуданд.

Мавриди зикр аст, ки соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода низ ба ин минтақа сафар намуда, бо фаъолони шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ мулоқот кард. Дар мулоқот Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ ёфта, дар бобати беҳдошти сатҳи зиндагии сокинон ва таҳкими рушди соҳаҳо андешаҳо иброз гардиданд.

Мардуми ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз дастгириву ғамхории роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакат сипосгузор буда, баҳри таҳкими дастовардҳо ва ободии ин гӯшаи зебои диёр азму талош менамоянд.

**Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# МАРҲАБО БА ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН!



**ИБОДЗОДА ЗАРИНА ҲАБИБУЛЛО,**
**ректори Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон**

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

**Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» бо қарори муассиси Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» аз 10-уми майи соли 2020 таҳти №1 ва розигии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 2020, №25/2-4 таъсис шудааст.**

Таҳсил дар донишкада бо принсипҳои дастрас будани он вобаста ба қобилият, истеъдод ва талаботи ҳар як шахс, муайян намудани самтҳои афзалиятноки пешрафти илму техника, технология, инчунин, тайёр намудани мутахассисон, тарбияи шаҳрвандӣ, ҳифз ва рушди дастовард ва анъанаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамоҳангсозии низоми он бо фазои ҷаҳонии таҳсилот, мунтазамӣ ва давомнокии раванди таълим асос меёбад.

Ҷиҳати пешбурди раванди таълиму тарбия дар сохтори донишкада 20 кафедра фаъолият дорад. Аз ин теъдод кафедраҳои анатомияи патологӣ, беҳдошт ва экология, кафедраи микробиология, вирусология ва гистология соли 2022 таъсис шуданд.

Донишкада дар панҷ факултет: **«Факултети психологияи тиббӣ», «Факултети иҷтимоӣ», «Факултети тиббӣ», «Факултети фармасевтӣ» ва «Факултети стоматология»** мутахассисони соҳаи тибро дар самти кумаки психологии тиббӣ, кумаки тиббӣ-иҷтимоӣ, фармасевтӣ, стоматологӣ ва муолиҷавӣ расонидан ба шахсони эҳтиёҷманд омода менамоянд.

Ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада 170 нафар буда, 105 нафари онҳо (61,8 фоиз) омӯзгорони асосӣ ва 65 нафари дигар (38,2 фоиз) омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Аз теъдоди умумии омӯзгорон 51 нафари онҳо (30 фоиз) дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд. Аз ҳисоби 105 нафар кормандони асосӣ 39 нафар (37,1 фоиз) дорои дараҷа ва унвони илмӣ буда, аз ҷумла 9 доктори илми тиб ва 30 нафар номзади илм мебошанд.

Ҳоло дар шуъбаи аспирантура, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯи донишкада 28 нафар, аз ҷумла як аспирант, 18 унвонҷӯй, нуҳ доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, корҳои илмӣ-таҳқиқотии худро пеш мебаранд.

Теъдоди умумии занони дар донишкада фаъолияткунанда 64 нафар (37,6 фоиз) мебошанд.

Шумораи умумии донишҷӯёни донишкада 1827 нафар буда, аз ин теъдод 773 нафар (42,2 фоиз) донишҷӯдухтарон ва 1054 (57,8 фоиз) нафарро донишҷӯписарон ташкил медиҳанд. Теъдоди донишҷӯён нисбат ба соли 2021-ум 895 нафар (48,9 фоиз) зиёд гардидааст.

Раёсати донишкада дар самти ба донишкада бештар ҷалб кардани духтарони маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва тавассути воситаҳои ахбори омма корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондааст.

Аз теъдоди умумии донишҷӯён 35 нафар донишҷӯёни хориҷӣ буда, аз ин шумора ду нафар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 22 нафар аз Ҷумҳурии Ҳиндустон, ҳашт нафар аз Ҷумҳурии Покистон, як нафар аз Ҷумҳурии Бангладеш ва ду нафар аз Ҷумҳурии Нигерия мебошанд, ки нисбат ба соли гузашта 24 нафар зиёд аст.

Соли гузашта донишҷӯёни донишкада дар озмунҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардиданд. Аз ҷумла дар озмун (олимпиада)-и байналмилалии дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯйи равияи тиббӣ-биологӣ баргузоршуда донишҷӯи курси дуюми факултети «Тиббӣ» ихтисоси «Кори табобатӣ» Салоҳидинзода Фараҳноз сазовори ҷойи сеюм гардида, аз ҷониби муассиси донишкада маблағи солонаи таҳсили ӯ то давраи хатми донишкада 30 фоиз кам карда шуд. Инчунин, донишҷӯи курси якуми факултети стоматология А. Садикова дар Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ширкат намуда, аз рӯйи фанни география ҷойи сеюмро ишғол намуд. Ба ӯ мукофот дар ҳаҷми 3000 сомонӣ ва 6 нафар донишҷӯёни ғолибони даври ноҳиявии озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» аз ҷониби муассиси донишкада бо мукофотпулии якваќта ба маблағи 1000 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд.





Довудов Муҳаммадҷон дар озмуни байналмилалии «Введение в медицине», ки дар Федератсияи Россия баргузор гардид, ҷойи якумро ишғол намуда, ба дипломи дараҷаи 1 сарфароз шуд.

Шонздаҳуми декабри соли 2022 дар Олимпиадаи III байналмилалии донишҷӯёни донишгоҳҳои тиббӣ – «Самарқанд 2020», ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуда, дар он 37 нафар донишҷӯёни донишкада иштирок намуданд, донишҷӯи курси дуюми факултети «Стоматология» (аз фанни биология) Муҳаммадҷон Довудов иштирокчии донишмандтарин ҳисобида шуд.

Дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳти роҳбарии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, профессор Аламхон Ахмедов як нафар рисолаи докторӣ ва як нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, ду нафари дигар - як докторант ва як унвонҷӯ аз пешдифои корҳои илмиашон гузаштанд.

Таҳти роҳбарии доктори илмҳои тиб, профессор Ҳабибулло Ибодов як нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, чор нафари дигар - ду докторант рисолаи докторӣ ва ду нафар унвонҷӯ рисолаи номзадӣ омода намуда истодаанд.

Ҳоло се шумораи маҷаллаи Паёми «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» №1 (2), №2 (3), №3 (4) ва замима ба маҷаллаи № 4 аз нашр баромад.

Тӯли соли гузашта дар донишкада се конференсияи илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ – «Забон бақои миллат аст» ва Конференсияи илмӣ-амалии апрелии устодону донишҷӯёни донишкада аз ин ҷумла буда, дар онҳо беш аз 100 мақолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Рӯзҳои 28-29-уми октябри соли 2022 дар донишкада Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25 - солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ бо иштироки коршиносони бурунмарзӣ дар мавзӯи «Тибби иҷтимоӣ - самти нави рушди таълим, амалия ва илм (дастовард, мушкилот ва рушди он) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври онлайн ва офлайн дар сатҳи баланди ташкилӣ ва амалӣ баргузор гардид, ки дар он аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва муассисаҳои тиббию профилактикии шаҳри Душанбе намояндагон ширкат варзиданд. Дар конференсия зиёда аз 200 мақолаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки аз ин теъдод 45 ададаш мақолаҳои илмии кормандони донишкада мебошад.

Фонди захиравии китобхона 34013 адад китобро ташкил мекунад, ки назар ба соли 2021 (27644 адад) 6369 адад (29 фоиз) зиёд мебошад.

Донишкада бо ширкати «Гэотар Медиа» дар самти истифодаи китобхонаи электронии тиббӣ (истифодаи зиёда аз 20000 китоби тиббӣ) шартномаи ҳамкории тарафайн бастааст, ки донишҷӯён аз он истифода менамоянд.

Соли 2022 дар донишкада маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ кушода шуд, ки ин амал дар таҷрибаи сохтори тандурустии мамлакат аввалин муассисаи табобатии назди донишкадавӣ буда, дар он шуъбаҳои эндоҷарроҳӣ ва эндоурологӣ, терапевтӣ, кардиологӣ, стоматологӣ, гинекологӣ, дармонгоҳӣ амал карда, дар заминаи ин шуъбаҳо табобати беморон сурат мегирад.

Олимони ҷарроҳи атфоли маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкада бо роҳбарии ҷарроҳи атфол, доктори илмҳои тиб, профессор Ҳабибулло Ибодов дар ҷумҳурӣ аввалин шуда, амалиёти бартарафсозии деформатсияи модарзодии даҳанмонанди қафаси сина, усулҳои нави ҷарроҳӣ, ба монанди ихтироот оид ба «Тарзи нави ҷарроҳии эписпадияи модарзодӣ дар кӯдакон» ва «Усули нави сфинктеропластика дар кӯдакон дар ҳолати сустшавии сӯрохии мақъад», якҷо бо олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон барои гузаронидани ташхис ва табобати нуқсони модарзодии аноректалӣ асбоби «Сфинктерометр АДИМС - 20» доир ба гузаронидани ташхиси нурӣ дар навзодон бо нуқсонҳои аноректалӣ «Усул ва дастгоҳ барои муоинаи рентгении навзодон бо нуқсонҳои модарзодии аноректалӣ»-ро ихтироъ намуда, онҳоро мавриди истифода қарор доданд. Ин гуна табобат барои бартарафсозии маъюбии кӯдакон аҳамияти муҳим дорад.

Инчунин, аввалин маротиба аз тарафи олимони ҷарроҳи атфоли клиникаи назди донишкада дар табобати беморони гирифтори бемории «Гиршпрунг» амалиёти Soave - Jordjison ва табобати бартарафсозии норасогии сӯрохии мақъад усули нави муайян намудани вайроншавии микросиркулятории хун ва усули бартараф намудани онро дар таҷриба ворид намуданд, ки ин амалиётҳо ҳоло яке аз амалиётҳои беҳтарин дар соҳаи ҷарроҳии атфол ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ олимони клиникаи назди донишкада дар амалия масъалаи бартараф намудани нуқсонҳои модарзодии ҳолибу масонаро дар кӯдакон бо усули эндоурологӣ татбиқ намуданд. Таҳлилҳои гузаронидаи хуни кӯдакон ва волидайни онҳо нишон доданд, ки зиёд шудани нуқсонҳои модарзодӣ ин ба ситамегаловирус, токсоплазмоз, хламидивируси герпес вобастагии мустақим дорад.

Таҳлилҳои гузаронидаи ду соли охир маълум намуд, ки дар таҷрибаи клиникаи назди донишкадавӣ бо ворид намудани усулҳои нави ҷарроҳӣ дар кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодии сурхрӯда зиндамонии онҳо 65 фоизро ташкил додааст.

Корҳои тарбиявӣ дар донишкада тибқи талаботи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда, соли гузашта дар донишкада зиёда аз 40 чорабинӣ, аз ҷумла 10 чорабинӣ бо иштироки кормандони ҳифзи ҳуқуқ, гузаронида шуд.




Донишҷӯёни донишкада дар чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ мунтазам ширкат меварзанд. Аз ҷумла, дар мусобиқаи «Баскетбол» байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе донишҷӯдухтарони донишкада сазовори ҷойи сеюм гардиданд. Дар мусобиқаи тенниси рӯи миз байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе донишҷӯёни мо фаъолона иштирок намуда, байни писарон ва духтарон ҷойи дуюмро ишғол намуданд ва бо медал, диплом ва тӯҳфаҳои хотиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ гардиданд.

Дастаи футболбозони Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии шаҳри Душанбе сазовори ҷойи дуюм гардид.

Дар самти ҳамкории байналмилалӣ донишкада бо як қатор пешравиҳо ноил гардидааст. Аз ҷумла донишкада бо Академияи тиббӣ-техникии Федератсияи Россия, Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишгоҳи тиббии Украина», Донишгоҳи Хансаи Малайзия ва ширкати «Гэотар Медиа» ҳамкории дуҷониба дар самти таҳсилот, корҳои илмӣ - татқиқотӣ, табодули таҷрибаи донишҷӯён ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада ва дигар самтҳои соҳаи тиб ҳамкории судманд ба роҳ мондааст.

Донишкада, ҳамчунин, бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Покистон, Ҷумҳурии Бангладеш ва Ҷумҳурии Нигерия ҳамкорӣ дошта, аз ин ҷумҳуриҳо донишҷӯён дар донишкадаи мо таҳсил менамоянд.

Доктори илми тиб, профессор А. Г. Жиляев - президенти Академияи тиббӣ - техникии Федератсияи Россия ба донишкадаи мо омада, ҳафт рӯз бо донишҷӯёни ихтисоси психологияи тиббӣ дарсҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронид.

Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон аз 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеояд, чораҳои амалӣ андешида, дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот, тайёр кардани кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, омода намудани мутахассисони кори иҷтимоӣ, психологҳои тиббӣ ва сироятшиносҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

**Мо ба ҳамаи онҳое, ки Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистонро барои таҳсил интихоб менамоянд, муваффақият орзу намуда, итминон дорем, ки онҳо бо аз бар намудани донишҳои назариявию амалӣ ба мардуми кишвар хизмати шоиста мерасонанд.**

---

# *Розҳои Ҳошим Ғадо*

### КОШ ТАВАЛЛУД НАМЕШУДАМ

Ту ҳоло дар парвозӣ, аз болои ғам ғамзакунон мегузарӣ, лекин он рӯз дур нест, ки ба он дармонӣ.

* * *

Рӯзе сели ашконам туро бо ҷое мебарад, ки танҳои танҳо бимонӣ. Он вақт ба қадри ману муҳаббати ман ва худ хоҳӣ расид. Ғубори нотавониву нодорӣ шӯре дар худ дорад, ки аз тӯфон ҳам шадидтар аст.

### ТАМОШО

Кӯшиш кардам, ки раҳмату шукр аз байн наравад. Сад афсӯс, раҳматаш бирафт, шукраш каме монда буд, шукраш бирафт, баъд аз ин чӣ мемонад. Баъд аз ин, илоҳо бадтар нашавад.

Ба ризқу рӯзии додааш сабр ва боз ҳам сабр намо. Чӣ мекунӣ, ки толеат ҳамин будааст.

* * *

Бе муҳаббат зистан душвор будааст, агар дӯст надорӣ, агар дӯстат надоранд, зистан умуман лозим нест.

Дӯст бидор, дар қалбат ва ба ӯ умуман наздик нашав, бигузор ӯ надонад, ки ту дӯсташ медорӣ.

Пеш аз он ки ин дунёи рӯшанро тарк бигӯяд, ӯ аз писараш хоҳиш кард: «Ниҳолакони шинонидаи манро фаромӯш макун, ба онҳо об бидеҳ. Охир онҳо ҳам ҷон доранд. Хурсанд калон мешаванд, пир шуда мемиранд».

* * *

Ӯ ҳамеша дар торикӣ буд, ӯ мехост аз торикӣ барояд, вале ба он одат карда буд, торикӣ намемонад, ки ӯ ба рӯшноӣ барояд.

* * *

Ӯ якумр шикор мекард, ҳеҷ гоҳ фикр намекард, ки ҷонварон низ зистан мехоҳанд.

### ҶОРӮБ НАВУ РӮФТАШ КУҲНА

Харидуфурӯш бе дурӯғ намешавад.

* * *

Дурӯғ намемирад.

* * *

Хоҳиш падари фикр асту орзу модараш.

* * *

Ӯ бой аст, зеро барои он ҳамаро фурӯхтааст, ки худи ӯро мехарад.

* * *

Ӯ аз қаъри ҷамъият то болои он расид.

* * *

Ранги сиёҳ - дӯсти зоғ.

* * *

Дарвозаи хирад - фикр.

* * *

Дари ақл диққат аст.

* * *

Дарвозаи ҳамаи орзуҳои инсон сабр асту таҳаммул.

Аввал ба худ бовар бикун, баъд дигаронро ба худ бовар кардан ёд бидеҳ.

* * *

Бисёр вақтҳо мо худро фаромӯш мекунем. Кӣ буданро фаромӯш масоз, кӣ шуданатро аз ёд набарор, он гоҳ худро фаромӯш нахоҳӣ сохт.

* * *

Фаромӯшхотир мабош, вагарна худатро фаромӯш мекунӣ.

Ба худ дӯст макоб, оқибат душманат хоҳад шуд.

* * *

Асре буд, кӯшиш ба хирад доштанд. Замона дигар шуд, кӯшиши ҷайбпуркунӣ мекардагӣ шуданд. Киса ки пур шуд, ба ғам гирифтор хоҳӣ шуд...

* * *

Ду одам ба ҳам баҳс карданд, кор то ҷое расид, ки даст ба гиребон шуданд.

- Ту намедонӣ, ки ман пушту паноҳ дорам, ту кӣ дорӣ?

- Ман пул дорам, бо пулам мезанамат, на пуштат мемонад на худат.

- Ин пуле, ки ту дорӣ, дуздист, ин пулҳо ба ту насиб намекунад.

- Пулам дуздист ё ҳалол, кори ту набошад. Тавону дар намон...

Ин ду ҳамсоя тамоми умр бо ҳам ҷангиданд.

Оқибат, ҳар ду зери вақт маҷақ шуданд.

* * *

Дар болои устухони одамон қаср масоз.

* * *

Аз оҳи оташини одамон ҳазар бикуну эҳтиёт бош, вагарна сӯхта хокистар хоҳӣ шуд.

### Ӯ ДАР БАЙН БУД, ВАЛЕ ТАНҲО

Лаҳзаи умри инсон агар хуш гузарад, бурди инсон аст. Агар бад гузарад, бохти инсон аст.

* * *

Арраам карданд, аз нав сабзидам.

* * *

Кисаатро маҳкам дору аз дузд малол нашав.

* * *

Чархи фалак гоҳе мебардорадат, гоҳе ба хок яксонат мекунад.

* * *

Аввал аз осиёи зиндагӣ гузар, баъд манманӣ бикун. То оне ки дар зери санги осиё ҳастӣ, на ҷав, на гандум буданат маълум нахоҳад шуд. Вақте чарх гардат кард, маълум мешавад, ки орди гандумӣ ё ҷав.

* * *

Тағо дорӣ, амак дорӣ, пушт дорӣ - мебароӣ, надорӣ - намебароӣ.

* * *



Аз обилаи дасти дигарон бой шуд.

* * *

Шитобкорӣ ҳам хуб асту ҳам бад. Нашитобу гоҳе бишитоб.

* * *

Барои як барг шуда, худро озор мадеҳ.

* * *

Нодон аз доно чӣ фарқ дорад? Нодон медонам мегӯяд, доно намедонам мегӯяд.

### ИНСОНИЯТ ҲОЛО ДАР ГАҲВОРА АСТ

Солҳо фикр кардам, андешидам, ки ӯро бифаҳмам, баргаштаву баргашта фикр кардам, заррае ӯро дарк накардам.

Зоғе аз болои шохи дарахт ба ман нигаристу гуфт: - Эй аҳмақи сода, ман сесад сол умр мебинаму меандешам, нафаҳмидам, ту аз куҷо мефаҳмӣ?

* * *

Файласуф бисёр гуфт, деҳқон бо як сухан ҷавоб дод: «Бояд дона кишт кард!»

* * *

Зан ба шавҳар гуфт: - Бениҳоят дӯстат медорам, барои ту мемирам.

Шавҳар: - Гуфтаатро дар амал иҷро бикун.

* * *

Набера ба анбӯҳи одамони паси тобут равона нигариста аз бобо пурсид:

- Чаро ин қадар бисёранд?

- Бачем, ин мурдаи бой аст, - ҷавоб дод бобо.

- Бобо, мурда ҳам бою камбағал дорад?

* * *

- Чаро одамро баъд аз мурдан бардор - бардор мекунанду таърифҳои бешумор?

- Барои он ки мурда дигар ҳеҷ чиз талаб намекунад.

* * *

Хирадманд, оё ту боварӣ дорӣ, ки бехирад ислоҳ мешавад?

* * *

Агар метавонӣ дар мубориза бизию дар мубориза ҷон бидеҳ.

* * *

Ҳама медонанд, ки зӯр мезияд, нозӯр мемирад, вале аксарият намедонанд, ки нозӯр ҳам ирода дошта бошад, зӯр мешавад.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14-уми марти соли 2023 музоядаи № 7-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ – 2107 | 141 UD 01 | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5600 |
| 2 | ВАЗ – 2107 | 153 UD 01 | 2004 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3500 |
| 3 | ВАЗ – 21121 | 162 UD 01 | 2006 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 4 | ВАЗ – 2101 | 05-65 V 01 | 2007 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5600 |
| 5 | Нива Шевролет | 00-56 M 01 | 2007 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 17500 |
| 6 | УАЗ – 31-514 | 114 UD 01 | 1997 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 7 | УАЗ – 469 | б/р | 1981 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2500 |
| 8 | Нексия | 150 UD 01 | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 9 | Ҷип – 2023 | 164 UD 01 | 2002 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5600 |
| 10 | ВАЗ – 2107 | 03-54 M 01 | 2006 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5600 |
| 11 | Нексия | 026 UD 01 | 2007 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 12 | Митсубиси КУК | 180 XA 01 | 1997 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 28000 |
| 13 | Нива Шевролет | б/р | 2005 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 14 | Ҷип-2023 | 03-52 M 01 | 2004 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11200 |
| 15 | ВАЗ – 11183 | 019 XE 03 | 2006 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 8400 |
| 16 | Ҷип – 2023 | 06-25 M 03 | 2003 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 8400 |
| 17 | ВАЗ – 211440 | 132 XA 03 | 2012 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 2100 |
| 18 | ГАЗ – 66 | 05-53 M 03 | 1982 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 24500 |
| 19 | ЗИЛ – 131 | 05-40 M 03 | 1983 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 26600 |
| 20 | ВАЗ – 21010 | 192 XA 03 | 2007 | Муассисаи нақлиётии ҚМ РВКД дар вилояти Хатлон | 7000 |
| 21 | ВАЗ – 2106 | 106 XA 02 | 2001 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2000 |
| 22 | БМВ – 735 | 04-87 M 02 | 1999 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 12600 |
| 23 | ВАЗ – 21101 | 413 ZK 02 | 2005 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 7000 |
| 24 | УАЗ – 3741 | 04-50 M 02 | 2004 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 7400 |
| 25 | ГАЗ – 3102 | 186 ZK 02 | 2003 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 3000 |
| 26 | ВАЗ – 2106 | 185 ZK02 | 2000 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 2800 |
| 27 | ВАЗ – 2107 | 04-29 M 02 | 2004 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 4000 |
| 28 | ВАЗ – 2107 | 411 ZK 02 | 2004 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 4000 |
| 29 | ГАЗ – 2705 | 04-74 M 02 | 2000 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 12000 |
| 30 | ВАЗ – 21101 | 04-65 M 02 | 2007 | Муассисаи нақлиётии РВКД дар вилояти Суғд | 7000 |
| 31 | ВАЗ – 2106 | 923 XA 08 | 2003 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3500 |
| 32 | АС – 40 (130) | 13-17 A PT 03 | 1978 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21000 |
| 33 | АС – 40 (130) | 917 XC 03 | 1990 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24500 |
| 34 | АС – 30 (66) | 015 BX 08 | 1991 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21000 |
| 35 | АС – 40 (131) | 281 XA 02 | 1991 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 36 | АС – 40 (131) | 920 3H 02 | 1980 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 28000 |
| 37 | АНР – 40 (130) | 21-98 B 02 | 1986 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14000 |
| 38 | АС – 40 (43202) Урал (садамавӣ) | 341 XM 01 | 1988 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14000 |
| 39 | ГАЗ – 5204 | 325 XA 04 | 1984 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 40 | ВАЗ – 21074 | 55-08 B 02 | 2002 | Факултети №4-уми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 41 | ГАЗ – 31029 | 33-88 B 02 | 1993 | Факултети №4-уми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2500 |
| 42 | Москвич – 412 | 21-80 B 02 | 1989 | Факултети №4-уми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 43 | КАМАЗ - 53212 | 058 BB 01 | 1997 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 44 | ЗИЛ - 131 | 031 BB 01 | 1983 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 45 | ГАЗ - 66 | 038 BB 01 | 1985 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21000 |
| 46 | КАМАЗ - 43101 | 018 BB 01 | 1989 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 47 | ЗИЛ - 131 | 012 BB 01 | 1989 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 48 | ГАЗ - 66 | 025 BB 01 | 1986 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24500 |
| 49 | ГАЗ - 66 | 023 BB 01 | 1988 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24500 |
| 50 | ЗИЛ - 131 | 028 BB 01 | 1979 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 35000 |
| 51 | ВАЗ - 2107 | 069 BB 01 | 2005 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 52 | ЗИЛ - 131 | 032 BB 01 | 1984 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 49000 |
| 53 | ЗИЛ - 131 | 033 BB 01 | 1974 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 49000 |
| 54 | Ҷип-5201 | 065 BB 01 | 2003 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 55 | Донг - Фенг (ба қисмҳо ҷудошуда) | 105 BB 01 | 2014 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14797 |
| 56 | КАМАЗ – 53212 | 084 BB 01 | 1997 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21000 |
| 57 | КРАЗ – 257 | 087 BB 01 | 1972 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 70000 |
| 58 | ЗИЛ – 131 | 030 BB 01 | 1983 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 31500 |
| 59 | ЗИЛ – 131 | 093 BB 01 | 1990 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 31500 |
| 60 | ГАЗ – 3110 | 38-29 A 03 | 2002 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4000 |
| 61 | Нексия | 05-18 M 03 | 1996 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 62 | ВАЗ – 2106 | 03-09 M 02 | 1990 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 63 | Опел – Зефира | 963 XE 01 | 2001 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24500 |
| 64 | ВАЗ – 21012 | 01-66 M 01 | 2003 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузории музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефон: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб бaромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефонҳо - 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 20-уми марти соли 2023 музоядаи № 8-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Девори симтӯрӣ (130 адад, 2,5х1,7) | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 25000 |
| 2 | Дарвозаи оҳанин | б/р | 1990 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 7000 |
| 3 | Панҷараи оҳанин (4 адад) | б/р | 1990 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 8000 |
| 4 | ЗИЛ-130 | 52-08 B 02 PT | 1970 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 20000 |
| 5 | Опел Астра | 15-14 B 02 PT | 1995 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 15000 |
| 6 | Мотороллери ТГ-200 | 02-12 ЛБЕ | 1974 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 2000 |
| 7 | ЗИЛ – 130 | 49-89 B 01 | 1973 | Литсейи касбии техникии шаҳри Ваҳдат | 15000 |
| 8 | Ниссан – Максима | 409 XK 02 | 2004 | КФҶ «Коргоҳи таъмири қатораҳо» | 20000 |
| 9 | Нива – 21214 | 942 XB 03 | 2006 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | 10000 |
| 10 | ВАЗ – 2106 | 096 BM 01 | 1999 | Сарпрокуратураи ҳарбии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 11 | Автокрани «КАМАЗ» | 614 XT 07 | 1990 | Корхонаи истифодабарии оби нӯшокии деҳоти шаҳри Турсунзода | 20000 |
| 12 | ГАЗ – 3110 | 015/001 | 2003 | Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» | 10000 |
| 13 | Автомашинаи «Хафей» | 326 XK 01 | 2007 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 6000 |
| 14 | ГАЗ – 3221 «Газел» | 322 XP 01 | 1999 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | 8000 |
| 15 | Мотоpолер | 01330093 | 2012 | Муассисаи давлатии маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 16 | ГАЗ – 33010 «Газел» | 01510003 | 2005 | Муассисаи давлатии маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15000 |
| 17 | Москвич – 412 | 000327 | 1988 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 2000 |
| 18 | Автобуси «КАВЗ» | 000328 | 1989 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 4000 |
| 19 | ГАЗ – 3102 | 000329 | 2005 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 10000 |
| 20 | ГАЗ – 3102 | 000331 | 1988 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова» | 3000 |
| 21 | Микроавтобуси «Ҷимбей» | 734 XA 01 | 2011 | Хадамоти комендантии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8270 |
| 22 | Автомашинаи «BAW» | 643 XC 01 | 2012 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 23373 |
| 23 | Нива Шевролет | 15-14 B 01 | 2001 | Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе | 15000 |
| 24 | ВАЗ – 21213 «Нива» | 47-22 PT 01 | 2003 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Нуробод | 10000 |
| 25 | ВАЗ – 21214 «Нива» | 386 2B 02 | 2011 | Муассисаи давлатии «Маркази иммунопрофилактика»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | 20000 |
| 26 | Nissan Maxima | 060 XM 01 | 2004 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 27 | Газели боркаш – 3302 | 19-21 A 01 PT | 2002 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20000 |
| 28 | ГАЗ – 3102 | 88-03 A 01 PT | 2001 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 29 | Донг – Фенг | Берақам | 2012 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Кӯшониён | 60000 |
| 30 | ГАЗ – 3102 | 394 XE 01 | 2005 | КВД ҷумҳуриявии «Моҳии Тоҷик» | 10000 |
| 31 | Нисан X-Trail | 110M002 | 2008 | Филиали тоҷикистонии Маркази илмию иттилооти Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ | 30000 |
| 32 | ВАЗ – 2107 | 09-62 E 01 PT | 2004 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 33 | ВАЗ – 2107 | 05-55 B 01 PT | 2004 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 34 | ВАЗ – 2107 | 965 XK 01 | 2006 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10000 |
| 35 | КАМАЗ – 5511 | 531 EA 02 | 1985 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Шаҳристон | 65000 |
| 36 | KIA Sportage | 66-38 A 03 | 1995 | Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Бохтаргаз» | 18000 |
| 37 | Аудӣ – 6 | 060 ZK 02 | 1999 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ» дар шаҳри Хуҷанд | 20000 |
| 38 | ВАЗ – 2107 | 434 XC 03 | 2005 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 39 | УАЗ – 31512 | 369 ZE 01 | 2002 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузории музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефон: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефонҳо - 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**АХБОРИ ИТТИЛООТИИ №1**

## КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ТЕНДЕРИ САРМОЯГУЗОРИИ №1/1Т-РО ОИД БА ФУРӮШИ САҲМИЯҲОИ БА ДАВЛАТ ТААЛЛУҚДОШТАИ ҶАМЪИЯТИ САҲОМӢ ЭЪЛОН МЕНАМОЯД**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 27, телефон: 221-16-14, факс: 221-16-14**

Барои иштирок дар тендери сармоягузорӣ шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва консорсиумҳо даъват карда мешаванд. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳои тендерии аризадиҳандагон дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 27, ҳуҷраи кории №16 дар рӯзҳои корӣ анҷом дода мешавад. Қабули ҳуҷҷатҳо 28-уми марти соли 2023, соати 17⁰⁰ ба охир мерасад.

Тендер тибқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар тендерҳо», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2004 таҳти №98 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Хоҳишмандон метавонанд низомномаи мазкурро бо тариқи электронӣ аз сомонаи кумита (web: www. investcom.tj) дастрас намоянд.

Аризадиҳандаҳо барои ба қайд гирифтан бояд мувофиқи талаботи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар тендерҳо» ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд ва пардохти кафолатиро дар ҳаҷми 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот супоранд. Пардохти кафолатӣ ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:

- бо доллари амрикоӣ: Credit Suisse Zurich, Switzerland SWIFT: CRESCHZZ80A Acc: 91223964 National Bank of Tajikistan SWIFT: NATJTJ 22 Acc: 22696840600010 Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan;

- бо сомонӣ: Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058, суратҳисоб №20204972561010100004, АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пардохти кафолатӣ ба нархи фурӯши лот дохил мешавад.

Шартҳои тендери сармоягузорӣ чунин мебошанд:

- сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ барои инкишофи иқтидори истеҳсолии ҷамъияти саҳомӣ;

- ташкил ва зиёд намудани ҷойҳои корӣ дар муҳлати 24 моҳ пас аз имзои шартномаи хариду - фурӯш.

Маблағи сармоягузории иштироккунандаи тендер бояд на камтар аз 100 фоизи нархи ибтидоии объектро ташкил диҳад, ки он дар муҳлати 24 моҳ пас аз имзои шартномаи харидуфурӯш пардохт карда мешавад.

Ғолиби тендер иштироккунандае дониста мешавад, ки маблағи умумии пешниҳодҳои молиявӣ ва техникии ӯ аз ҳама зиёд аст.

Пешниҳоди молиявии иштироккунанда аз нархи лот ва маблағи сармоягузорӣ ба объект иборат мебошад.

Пешниҳоди техникии иштироккунанда маълумот оид ба зиёд намудани миқдори кормандон дар объекти ба тендер баровардашударо дар бар мегирад. Шумораи пешниҳодгардидаи зиёд шудани кормандон бо ифодаи пулӣ дар ҳаҷми як маоши ҳадди ақали моҳона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як корманд мубодила мегардад.

Дар ҳолати ғолиб омадан дар тендер харидор ба ҳисоби фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 % ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 % аз нархи фурӯши объект месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Бо мақсади фаҳмонидани қоидаҳои гузаронидани тендер барои иштироккунандагон рӯзи 10-уми марти соли 2023, соати 14⁰⁰ дар маҷлисгоҳи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 27 конференсия гузаронида мешавад.

**Маълумоти умумӣ дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки ба тендери сармоягузорӣ бароварда мешаванд, дар ҷадвалҳои №1 ва №2 пешниҳод шудаанд.**

**Ҷадвали №1**

**Ҷамъияти саҳомие, ки дар тендери дудавра фурӯхта мешавад**

| Рақами лот | Номгӯи ҷамъияти саҳомӣ | Суроға | Намуди асосии фаъолият | Масоҳати умумӣ, га | Фоизи саҳмияҳо дар фонди оинномавӣ | Теъдоди саҳмияҳо дар як лот | Арзиши ҳадди ақали лот (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | «Осоишгоҳи Ҳавотоғ» | Вилояти Суғд, шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Ниҷонӣ, мавзеи Ҳавотоғ | Хизматрасонии табобатӣ | 35,3 | 100 | 35080 | 3 508 000 |

**Ҷадвали №2**

**Нишондиҳандаҳои алоҳидаи ҷамъияти саҳомие, ки дар тендери дудавра фурӯхта мешавад**

| Номи ҷамъияти саҳомӣ | Даромад, зарар бо сомонӣ ба ҳолати 01. 01. 2023 (+;-) | Қарзи кредиторӣ бо сомонӣ ба ҳолати 01. 01. 2023 | Ҳаҷми хизматрасонӣ, бо сомонӣ ба ҳолати 01. 01. 2023 | Истифодаи иқтидорҳо дар соли 2022, бо % | Хизматрасонӣ бо сомонӣ дар соли 2022: Тоҷикистон | Хизматрасонӣ бо сомонӣ дар соли 2022: Хориҷа | Бозори фурӯши маҳсулот (хизмат) | Теъдоди кормандон ба ҳолати 01. 01. 2023 | Соли ба истифода додани корхона |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| «Осоишгоҳи Ҳавотоғ» | -198 996 | 700 077 | 170 465 | - | - | - | - | 10 | 1948 |

**ЭЗОҲ:** Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои аниқ будани маълумотҳои дар ҷадвалҳо зикргардида кафолат намедиҳад. Иштироккунандагоне, ки аз интихоби квалификатсионии тендери дудавра гузаштаанд, метавонанд бо объект дар вақти корӣ шиносоӣ намоянд. Натиҷаҳои интихоби квалификатсионии тендери дудавра дар муҳлати то 3-юми апрели соли 2023 дар тахтаи эълонҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 27 ҷойгир карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи баҳисобгирии фаъолияти соҳибкории гумшуда (РМА 610008116), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба ҶДММ «Тоҷ бахт» додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии «Миника 1105 Ф» таҳти рақами 200 0740-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Зарипов Хусрав (РМА 015377770) эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии «Миника 1105 Ф» таҳти рақами 2001866-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Зарипов Ҳусейн (РМА 015377765) эътибор надорад.

✓ Аттестати №523821-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и шаҳри Ҳисор соли 1977 ба Сафоева Шарофат Махмадуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таҳти қайди 4323 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳосилот, ҳавлии №200 ба Раҳимова Гулчерамо Сафаралиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе соли 2021 ба Ғаюров Қурбоналӣ Баҳодурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0009315 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фобос» (РЯМ 0310001111, РМА 030010444) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 19277-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 19-уми апрели соли 2013 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Мавлоншариф ба мағоза ва бунгоҳи тиббии деҳот додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳрасти 5Д-669-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 25-уми августи соли 2009 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, кӯчаи 15-солагии Истиқлолият, хонаи берақам ба Сулаймонов Зокирхон Исохонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Балъамӣ (Матющенко), хонаи 4/1 ба Пиров Аҳтамхон Атоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фарҳори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1990 ба Ҳафизов Сайдҷафар Ҳалимович додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 феврали соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97